# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23 апрели соли 2026, №126**

Барои сазовор донистани Файзалии Мирзоали шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимояи такрорӣ 10 феврали соли 2026, протоколи №115-ИҲ -и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоали 05.11.1993 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2015 факултети физика-математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси “Информатика” (диплом ДДК №0044512) ва соли 2017 Донишгоҳи педагогии шаҳри Томски Федератсияи Россияро бо ихтисоси “Математикаи амалӣ ва информатика” (диплом ТГПУ №107024 2473880) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Файзалии Мирзоали аз соли 2018 оғоз гардида то соли 2019 ба ҳайси омӯзгори фанҳои тахассусии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ идома ёфтааст. Солҳои 2019-2020 омӯзгори фанҳои тахассусӣ дар коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе ва аз соли 2020 то моҳи августи соли 2025 ба ҳайси омӯзгори фанҳои тахассусӣ дар кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият кардааст.

Аз 01 сентябри соли 2025 то инҷониб ба ҳайси мудири кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии Донишкадаи технологияи

рақамӣ ва зеҳни сунъии назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Файзалии Мирзоали солҳои 2020-2023 ҳамчун унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 18.11.2020, №145) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда, онро бомуваффақият хатм намудааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Файзалии Мирзоали таҳти унвони «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» дар шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 31.12.2020, №11 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалӣ, сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Назаров Аҳтам Пулотович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Назарзода Рустам Саидмурод – номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ, сардори идораи корҳои илмӣ–татбиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 19.03.2026, протоколи №15, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷамила Сулаймоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович ва котиби ҷаласа Арбобова Фароғат Анваровна имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло аз 19 марти соли 2026 тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки “муаллиф дар раванди

таҳқиқ кӯшиш намудааст, ки шароитҳои педагогӣ, шакл, усул ва воситаҳои самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар рушди фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагонро муайян намояд. Дар таҳқикот аҳамияти истифодаи имкониятҳои муҳити рақамӣ, барномаҳои таълимии электронӣ ва воситаҳои муосири иттилоотӣ дар фаъол гардондани фаъолияти маърифатии хонандагон асоснок карда шудааст. Мавқеи муҳаккиқ дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои такмили раванди таълим, рушди тафаккури эҷодӣ ва гашаккули малакаҳои мустақили ҷустуҷӯии хонандагон тавассути гехнологияҳои иттилоотӣ-коммуникагсионӣ равшан ба назар мерасад. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант дар асоси таҳлили назариявии масъала, мушоҳидаҳои педагогӣ, пурсишномаҳо, суҳбатҳо ва натиҷаҳои таҷриба-озмоишӣ ба даст омада, дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокиро доро мебошанд. Тавсия ва пешниҳодоти баёнгардида метавонанд дар такмили раванди таълим, рушди фаъолияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯии хонандагон, инчунин дар исгифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳкикот дар он зоҳир мешавад, ки татбиқи натиҷаҳои таҳқикот ба рушди тафаккури эҷодӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ ва болоравии сатҳи маърифатии хонандагон мусоидат менамояд. Ин раванд барои ташаккули шахсияти фаъол, мустакил ва эҷодкор замина фароҳам оварда, омодагии хонандагонро барои зиндагӣ ва фаъолияти самаранок дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ таквият мебахшад.

Довталаби дараҷаи илмӣ ҷиҳати рушди қобилиятҳои ҷустуҷуй-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иггилоотӣ-коммуникатсионӣ барномаи озмоишии таълимиро таҳия намуда, дар асоси татбики он шакл, усул ва воситаҳои самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар раванди таълим муайян кардааст.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Файзалии Мирзоали довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 26 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 7 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-А]. Файзали, М. Современные элэктронные средства обучения [Текст] / М. Файзали, С. Рафиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №1/4 (10). – С. 205-210. – ISSN-2074-1847.

[2-А]. Файзали, М. Усулҳои истифодаи ТИК-и муосир дар раванди

таълими технологияи иттилоотӣ [Матн] / С.А. Одинаева, М. Файзалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10. – С. 243-246.

[3-А]. Файзали, М. Истифодаи ТИК барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва идоракунии раванди таълим дар низоми маъориф [Матн] / М. Файзалӣ, Р.Р. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10. – С. 201-205.

[4-А]. Файзали, М. Тамоюлҳои инкишофи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ [Матн] / М. Файзали // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – №1-4 (80). – С. 39-42.

[5-А]. Файзали, М. Марҳилаҳои омӯзиши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар тадқиқотҳои дидактикии бунёдӣ [Матн] / М. Файзали // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 274-279.

[6-А]. Файзали, М. Методикаи истифодаи технологияҳо дар раванди таълим [Матн] / А.Р. Мирзоев, М. Файзали // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 267-273.

[7-А]. Файзали, М. Вазъи омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Файзали // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Клоб, 2024. – №2 (35) ISSN-2616-5260 саҳ.(205 то 210) соли 2024.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳкикоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Таҳлили фаъолияти омӯзгорони технологияҳои иттилоотӣ аз нигоҳи таълими босифат ва босалоҳият, ки дар пасманзари таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи муҳим дорад, нисбатан камтар ба мушоҳида мерасад. Хуб мебуд агар унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти омӯзгорони технологияҳои иттилоогӣ, сатҳ ва дараҷаи иштироки хонандагони синфҳои болоӣ ба машғулиятҳои таълимӣ, истифода аз роҳу усулҳои пешкадами таълими ин фан дар мукоиса бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии намуди нав мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ мекард.

2. Агар дар диссертатсия гаҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни “Технологияҳои информатсионӣ”-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, беҳтар мебуд, зеро таҷриба кардани ин роҳи таҳкик ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар

мавриди ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешкадам фароҳам меовард.

3. Беҳтар мебуд, ки ҳар як вазифаи дар назди таҳқикоти илмӣ гузошташуда дар шакли хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот ҳалли худро меёфтанд.

4. Дар матни диссергатсия ва автореферат ғалатҳои грамматикӣ за имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ бояд кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву галатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқикоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Эродҳои зикршуда ба арзиши илмии диссертатсия халал ворид намекунанд. Муҳаккиқ вазифа ва ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро пурра ҳал намудааст.

Автореферати диссергатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулоса:**

Диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассуги технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талабо ги Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Гартиби додани дараҷаи илмӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии докгори фалсафа (РЬО)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва докгори илм, авторефератҳо ва маколаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавоб|ӯ буда, муаллифи он Файзалии Мирзоали сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумй, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз тарафи эксперти кори таҳқиқотӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ - Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст. Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоали иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Шаропов Шавкат Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тақриз мусбӣ арзёбӣ гардидааст. Муқарриз эрод надорад.

2. Собиров А.Ш. - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи алгебра ва ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Муқарриз тавсия додааст, ки:

- васеъ намудани таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти истифодаи ТИК дар таълим;

- пурзӯр намудани қисмати амалӣ бо мисолҳои мушаххаси татбиқ;

- истифодаи васеи воситаҳои рақамӣ ва барномаҳои муосири таълимӣ дар таҳқиқот. Тақриз мусбӣ арзёбӣ гардидааст.

3. Аюбзода Сафар Аюб – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбӣ арзёбӣ гардидааст. Муқарриз эрод надорад.

4. Абдуллоев С.Р. - номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Муқарриз тавсия додааст, ки:

- таҷрибаи кишварҳои пешрафта васеътар таҳлил карда шавад;

- имкониятҳои платформаҳои рақамии муосир бештар истифода гарданд;

- қисмати амалӣ бо мисолҳои мушаххас ғанӣ гардонида шавад.

Муқарризони ба автореферати диссертатсия тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоали сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3 – Педагогика: 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 10 феврали соли 2026, протоколи №115-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- мазмуни мафҳуми қобилияти ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дақиқ ва сохтори он муайян гардида, хусусиятҳои хоси фарққунандаи он **муайян ва асоснок карда шудааст;**

- шароити педагогие, ки барои бомуваффақият ташаккул додани қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ заруранд, **асоснок карда шудааст;**

- амсилаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ **таҳия карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст;**

- технологияҳои инноватсионии ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ **таҳия карда шудааст;**

- имкониятҳои дидактикии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ оид ба ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **муайян карда шудааст;**

- самаранокии амсилаи қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

- **Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- технологияи ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои муосир таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ **асоснок карда мешавад;**

- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳҳои ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути имкониятҳои дидактикии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ **коркард карда мешавад;**

- нақшаи қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагон дар раванди технологияҳои муосир, инчунин, ба фардикунонии таълим таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сатҳҳои гуногуни мураккабӣ ва шиддатнокии дарсҳоро барои ба назар гирифтани ниезҳо ва имкониятҳои ҳар як омӯзгор **пешниҳод карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- арзиши амалии таҳқиқот дар таҳия ва татбиқи барномаи давраи таълимии «Рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ – эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», **мумкин аст** барои пешрафти илмомӯзии хонандагони мактаби миёна **истифода бурд;**

- барои ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вазифаҳо тартиб дода шуданд, ки метавонад бо як тағйироти муайян ба раванди самаранокии баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳу донишкадаҳои педагогӣ, коллеҷҳо **мусоидат кунад;**

- технологияҳои инноватсионии ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳия карда шуданд, ки ба рушди сифати таҳсилот **кӯмак мерасонад;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- маводи бадастомада ва хулосаҳои тадқиқот **метавонанд** ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоиширо масоиле таъмин менамоянд, ки афзалият, кифоягии захираҳо, мувофиқат будани технология, системанок ва пайдарпайӣ доранд. Унсури мундариҷавии омӯзиши инкишофи қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ҳамчун ҷузъи инкишофи салоҳиятнокии ТИК-и хонандагон, инкишоф ва рушди салоҳиятнокии ТИК-и таълимӣ (умумӣ ва фаннӣ) ва умумии корбаронро фаро мегирад **таъмин карда шудаанд;**

- мавқеъҳои ибтидоӣ ва таҳаввулоти дорои хусусияти назариявӣ бо натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ карда шудаанд, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии дар раванди ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аз тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, **ба даст омадаанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевоситаи** муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 23 апрел соли 2026, №126 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Файзалии Мирзоали ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 23.04.2026